**ХУЛОСАИ**
**комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-073-и назди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров оид ба диссертатсияи Хайруллозода Кароматулло дар мавзӯи "Таърихи таҳқиқоти бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ (солҳои 1929-1989)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Комиссияи ташхис дар ҳайати доктори илмҳои таърих (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) Ғаффорӣ Нуъмонҷон Усмонзода, доктори илмҳои таърих (07.00.02 – Таърихи ватанӣ), профессор Каримзода Осим Қосим ва доктори илмҳои таърих (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) Аюбов Абдусалом Рауфович бо таҳқиқоти диссертатсионии Кароматулло Хайруллозода шинос шуда, хулосаи зеринро пешниҳод мекунад.

Рисолаи номзадии Хайруллозода Кароматулло дар мавзӯи "Таърихи таҳқиқоти бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ (солҳои 1929-1989)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) пешниҳод шудааст, таҳқиқоти мустақилона ва комил буда, ба талаботи таъйиншуда нисбат ба рисолаҳои номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мувофиқ аст. Дар рисолаи мазкур масоили омӯзиши раванди ташаккул ва рушди тадқиқоти бостоншиносӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ дар давраи шӯравӣ тӯли солҳои 1929-1989, инчунин фаъолияти ташкилотҳои илмию кишваршиносӣ, муассисаҳои таълимӣ ва бостоншиносони алоҳида, ки осори бостонии минтақаро меомӯзанд, мавриди тахдилу баррасӣ қарор дода шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Хайруллозода Кароматулло воқеан ба масъалаи бисёр муҳимми таърихи ватанӣ бахшида шуда, дар кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров омода гардидааст.

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки тадқиқи таърихи археология дар минтақаи муайян ва дар низоми

хронологӣ барои таъйини қонунияти пайдоиш ва тағйир ёфтани самтҳои гуногуни мактаби бостоншиносӣ мусоидат менамояд. Омӯзиши кулли сарчашмаҳои ташаккули илми бостоншиносӣ ва таъйини марҳилаҳои асосии инкишофи онро бе дарки самтҳо ва тамоюлҳои асосии таҳқиқи археологии минтақаҳои алоҳида тасаввур кардан имконнопазир аст. Дар робита ба ин нукта таҳқиқу омӯзиши осори таърихи археологияи Тоҷикистони Шимолӣ дар давраи шуравӣ хеле мубрам ва муҳим ба назар мерасад, ки он ба таври назаррас омӯхта нашуда, ин кор барои дарки ояндаи рушди тадқиқи археологӣ дар навоҳии Тоҷикистони Шимолӣ хусусияти калидӣ дорад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, интишороти илмӣ, ки бо саҳми бевоситаи ӯ омода карда шудаанд, инчунин бо маърӯзаҳо дар семинарҳо ва конференсияҳои илмӣ-амалии гуногун тасдиқ карда мешавад. Саҳми шахсии Кароматулло Хайруллозода дар он аст, ки ӯ бо ҷамъоварии маълумоти парокандаву нопурра аз сарчашмаҳои гуногун (хаттӣ, археологӣ, бойгонӣ ва монанди ин) марҳалаҳои таърихи бостоншиносии Тоҷикистони Шимолиро аз нав барқарор карда, натиҷаҳои кори гурӯҳу экспедитсияҳои археологиро дар минтақа мавриди омӯзиш қарор дод ва ба фаъолияту бозьёфтҳои илмии бостоншиносони ҳирфаӣ ва умуман, археологияи тоҷик дар давраи шуравӣ баҳо додааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ баррасии хронологӣ ва таҳлили натиҷаҳои илмии ковишҳои археологии ёдгориҳои Тоҷикистони Шимолӣ маҳсуб меёбад, ки дар давраи шуравӣ дар рафти тадқиқотҳои саҳроӣ аз ҷониби муаррихони ҷудогона ва бостоншиносон, гурӯҳҳои Экспедитсияи археологии суғдӣ-тоҷикӣ, Экспедитсияи археологии Тоҷикистон ва Экспедитсияи комплексии археологии Тоҷикистони Шимолӣ зери

роҳбарии академик Н. Н. Неъматов, кашф ва омӯхта шудаанд. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф, диссертант дар назди худ **вазифаҳои зерин** мегузорад:

– муайян намудани заминаҳои инкишофи археология ҳамчун самти нави илмӣ дар Тоҷикистон;

– муайян кардани пайдоиш ва самти мушаххаси тадқиқоти археологӣ дар қаламрави Тоҷикистони Шимолӣ (вилояти Суғди ҳозира);

– таҳлили асосии мақсад, вазифа ва натичаҳои тадқиқоти археологии ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон;

– ошкор кардани заминаи сарчашма, хусусияти истифодаи маъхазҳои бостоншиносӣ ва усулҳои мушаххаси омӯзиши далелҳои археологӣ;

– муайян намудани марҳалаҳои асосии ташаккул ва инкишофи илми археология дар Тоҷикистон;

– нишон додани маҷмуъ ва низоми фаъолияти экспедитсияҳо ва дастаҳои археологии навоҳии шимолии Точикистон;

– арҷ гузоштан ба осори олимони намоёни бостоншинос дар ташаккул ва инкишофи тадқиқоти археологии Тоҷикистони Шимолӣ;

– таҳлили таърихнигорӣ ва таъйини самтҳои асосии омӯзиши ёдгориҳои археологии Тоҷикистони Шимолӣ аз рӯи тартиби хронологӣ;

– муайян кардани аҳаммияти маводи археологии ҷамъшуда ва асоснок намудани зарурати истифодаи онҳо барои тартиб додани харитаи археологии Тоҷикистони Шимолӣ ва умуман барои инкишофи илми таърихи ватанӣ.

**Навгонии илмии таҳқиқот** пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст мавзӯи илмии мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври умумӣ ва ҳарҷониба баррасӣ ва таҳқиқ мешавад. Навоварии таҳкиқот мушаххастар ба тариқи зайл нишон дода мешавад:

1. Бори аввал ҷамъбасти муфассал, ҳаматарафа ва мунтазами таърихнигории таърихи омӯзиши ёдгориҳои археологии Точикистони

Шимолӣ дар солҳои 1929-1989-ум дар асоси омӯзиши фаъолияти Экспедитсияи археологии суғдию тоҷикӣ, Экспедитсияи археологии Тоҷикистон ва Экспедитсияи комплексии археологии Тоҷикистони Шимолӣ анҷом дода шудааст;

2. Бори аввал дар илми таърихи ватанӣ масъалаҳои марҳалаҳои асосии тадқиқоти археологии Тоҷикистони Шимолӣ дар солҳои 1929-1989-уми асри XX, самтҳои асосии фаъолияти экспедитсияҳо ва дастаҳои археологӣ, ҳамчунин комёбиҳои илмии онҳо ҷиҳати омӯзиши ёдгориҳои археологии Тоҷикистони Шимолӣ ҳамаҷониба ҳал карда мешаванд;

3. Тадқиқоти мазкур аввалин кӯшиши таҳлили ҳамаҷонибаи раванди омӯзиши ёдгориҳои археологии ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ буда, на танҳо бо мақсади муайян намудани дараҷаи омӯзиши он аз ҷиҳати археологӣ, балки ба хотири таъйини аҳаммияти маводи археологӣ дар инъикоси масъалаҳои давраҳои қадим, аввалҳои асрҳои миёна ва асримиёнагии таърихи халқи тоҷик равона шудааст ва ин муносибат барои муайян кардани самтҳои афзалиятноки рушди бостоншиносии Тоҷикистон дар оянда мусоидат мекунад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Диссертатсия дорои аҳамияти илмии назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии муҳаққиқон ва муаррихон ҷиҳати инъикоси тадқиқи таърихи ёдгориҳои археологии Тоҷикистони Шимолӣ дар солҳои 1929-1989 кӯмаки воқеӣ расонанд. Аз маводи дар диссертатсия овардашуда аз натиҷа ва хулосаҳои он дар мавриди таҳия ва хондани маърузаҳо, гузаштани дарсҳои амалӣ ва семинарҳо, корҳои мустақилонаи донишҷӯён, навиштани монографияҳо ва китобҳои дарсӣ метавон ба таври васеъ истифода намуд.

**Вобаста ба масъалаҳои зикршуда комиссия ба чунин қарор омад:**

1. Рисолаи номзадии унвонҷӯ Хайруллозода Кароматулло дар мавзӯи “Таърихи таҳқиқоти бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ

(солҳои 1929-1989)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) тавсия дода шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод шаванд:

А) Бобомуллоев Саидмурод Ғиёсович, доктори илмҳои таърих, профессор, директори Осорхонаи илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Б) Раҳимова Шаҳноза Каримовна, номзади илмҳои таърих, Сардори раёсати илм, инноватсия ва робитаҳои байналмилалии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон

3. Донишгохи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба ҳайси муассисаи пешбар таъйин карда шавад.

4. Ба нашри автореферати диссертатсия ба микдори 100 нусха иҷозат дода шавад.

5. Барой ҷойгир кардани эълони ҳимояи диссертатсия дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сомонаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Гафуров иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи ташхис:**
**доктори илмҳои таърих** **Ғаффорӣ Нуъмонҷон Усмонзода**
**Аъзои комиссияи ташхис:**
**д. и. таърих, профессор** **Каримзода Осим Қосим**
**доктори илмҳои таърих** **Аюбов Абдусалом Рауфович**

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси МДТ**
**"ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров"** **Наврӯзов Эҳсон Маъмурович**

РАЕСАТИ КАДРҲО БА КОРҲОИ МАХСУС